## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин дар мавзуи «Махсусияти мундаричавӣ ва жанрии гӯшаи «Анбӯр»-и нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» («Ҳақиқати Суғд»)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ. – Душанбе, 2026. – 168 с.**

Матбуоти даврӣ дар тамоми марҳалаҳои ташаккул ва рушди худ ҳамчун яке аз воситаҳои муҳимми инъикоси ҳаёти ҷомеа, афкори ҷамъиятӣ ва равандҳои иҷтимоию фарҳангӣ нақши муассир доштааст. Дар ин замина публитсистикаи ҳаҷвӣ ҳамчун яке аз шаклҳои таъсирбахши ифодаи воқеият дар ошкор намудан ва мазаммати камбудию норасоиҳои ҷомеа, танқиди зуҳуроти номатлуб ва ҷалби таваҷҷуҳи хонанда ба масъалаҳои иҷтимоӣ мавқеи муҳим дорад. Аз ин рӯ, омӯзиши таърихи ташаккул ва таҳаввули ҳаҷви публитсистӣ, махсусан дар нашрияҳои маҳаллӣ, аз масъалаҳои мубрами таърихи журналистикаи тоҷик ба шумор меравад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Диссертатсияи Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин ба таҳқиқи яке аз саҳифаҳои камомӯхти таърихи матбуоти тоҷик - гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр»-и рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» («Ҳақиқати Суғд») бахшида шудааст. Муҳаққиқ дар муқаддимаи рисола дуруст таъкид менамояд, ки гарчанде доир ба гӯшаи ҳаҷвии ин нашрия дар матбуоти даврӣ баъзе мақолаҳо ба табъ расида бошанд ҳам, маводди «Анбӯр» то имрӯз бо дарназардошти хусусиятҳои мундариҷавӣ ва жанрӣ ба таври ҷомеъ мавриди таҳқиқи махсус қарор нагирифтааст. Аз ин ҷиҳат, интихоби мавзуъ саривақтӣ буда, аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дорад.

Аҳаммияти мавзуъ боз дар он зоҳир мегардад, ки омӯзиши равзанаи «Анбӯр» барои муайян намудани як қатор масъалаҳои марбут ба таърихи матбуоти даврии маҳаллӣ, аз ҷумла заминаҳои пайдоиш ва ташаккули ҳаҷви публитсистӣ, шаклҳои инъикоси воқеияти иҷтимоӣ, мазмуну мундариҷаи маводди ҳаҷвӣ, истифодаи жанрҳои фелетон, памфлет, луқма, эпиграмма ва нақиза, инчунин таносуби воқеият ва тахайюл дар матолиби ҳаҷвӣ имкони мунosиб фароҳам меорад.

Аз ин лиҳоз, диссертатсияи мавриди муҳокима ба масъалаҳои муҳимми таърихи журналистикаи тоҷик, ташаккули жанрҳои журналистӣ ва хусусиятҳои публитсистикаи ҳаҷвӣ иртибот дорад.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, объекту предмети пажуҳиш, таҳлили таърихии маводди рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод», омӯзиши мундариҷа ва жанрҳои гӯшаи «Анбӯр», инчунин баррасии таносуби воқеият ва тахайюл дар маводди ҳаҷвӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба **шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.22. Рӯзноманигорӣ пурра мувофиқат менамояд.**

Муаллиф дар рисола аз усулҳои таҳлили таърихӣ ва муқоисавӣ, қиёсӣ, контентӣ ва шарҳу тафсири оморӣ истифода намуда, маводди воқеии нашрияро мавриди омӯзиш қарор додааст. Сарчашмаи асосии таҳқиқро

шумораҳои «Ҳақиқати Ленинобод», бахусус гӯшаи «Анбӯр» дар солҳои 1955-1960, инчунин маҷаллаи «Хорпуштак» ва дигар маводди ба мавзуъ иртиботдошта ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ,** пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки фаъолияти гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр» бори аввал ҳамчун объекти махсуси таҳқиқи илмӣ дар шакли диссертатсионӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф як қатор масъалаҳои муҳимми то имрӯз ба таври низомманд таҳқиқнашударо ба доираи пажуҳиши илмӣ ворид намудааст. Аз ҷумла, заминаҳо, омилҳои пайдоиш ва марҳалаҳои ташаккулу таҳаввули маводди ҳаҷвӣ дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» таҳқиқ гардида, омилҳои пайдоиши гӯшаи «Анбӯр» мушаххас шудаанд. Ҳамчунин, хусусиятҳои мундариҷавии маводди ҳаҷвӣ дар робита ба воқеиятҳои сиёсию иҷтимоии давр баррасӣ ва маводди дар солҳои гуногун чопгардида аз рӯйи мавзуъ гурӯҳбандӣ шудааст. Аз дигар ҷиҳат, таснифи жанрии маводди «Анбӯр», таносуби жанрҳои публитсистӣ, дараҷаи фарогирии масъалаҳои иҷтимоӣ ва таносуби воқеият ва тахайюл дар ҳаҷвияҳои гӯша муайян карда шудаанд. .

Навгонии муҳимми дигар он аст, ки диссертант маводди гӯшаи «Анбӯр»-ро ҳамчун намунаи таҷрибаи журналистии матбуоти маҳаллӣ таҳлил намуда, нақши онро дар инъикоси вазъи иҷтимоии давр ва ташаккули ҳаҷви публитсистӣ нишон медиҳад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Эътимоднокии натиҷаҳои бадастовардаи диссертант, пеш аз ҳама, ба заминаи нисбатан васеи сарчашмаҳо ва такя ба маводди воқеии матбуоти даврӣ асос меёбад. Муаллиф барои таҳқиқи масъала ҳам ба адабиёти назариявӣ, ҳам ба шумораҳои аслии «Ҳақиқати Ленинобод» ва маводди гӯшаи «Анбӯр» муроҷиат намудааст. Ин равиш барои таҳқиқи таърихи журналистика аҳаммияти махсус дорад. Хулосаҳои муаллиф аз таҳлили бевоситаи маводди нашрия бармеоянд. Таҳқиқ нишон медиҳад, ки матолиби «Анбӯр» доираи васеи масъалаҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва маиширо фаро гирифта, аз ҷумла масъалаҳои майнӯшӣ, ноободии роҳҳо, мушкилоти ошхонаҳои ҷамъиятӣ, сатҳи хизматрасонӣ, фаъолияти ғайриқаноатбахши баъзе муассисаҳо, фиребгарӣ ва муносибати номатлуби бархе мансабдорон мавриди танқид қарор гирифтаанд.

Муаллиф ҳамчунин нишон медиҳад, ки дар «Анбӯр» фелетон, памфлет, лукма, эпиграмма ва нақиза ба таври васеъ истифода шудаанд. Дар натиҷаи таҳқиқ таъкид мешавад, ки воқеият ҳамчун асос ва манбаи эҷод ва тахайюлу унсурҳои бадеӣ ҳамчун воситаи қавӣ намудани таъсирбахшии матолиб ба кор рафтаанд. Бинобар ин, метавон хулоса кард, ки **натиҷа ва тавсияҳои диссертатсия** бар асоси маводди мушаххас таҳия шуда, қобили эътимод мебошанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт иборат буда, ҳаҷми умумии он 168 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши масъала, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмет, асосҳои назариявию методологӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, саҳми шахсии довталаб ва маълумоти марбут ба интишору тасвиби натиҷаҳо баён шудаанд.

**Боби якуми диссертатсия «Омилҳои пайдоиш ва ташаккули публитсистикаи ҳаҷвӣ дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод»** ба масъалаҳои таърихӣ ва назариявии ташаккули публитсистикаи ҳаҷвӣ дар нашрия бахшида шуда, аз ду фасл – **«Заминаҳои пайдоиши маводди ҳаҷвӣ дар «Ҳақиқати Ленинобод» («Ҳақиқати Суғд»)»** ва **«Мавқеи публитсистикаи ҳаҷвӣ дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи нашрия»** иборат аст.

Муаллиф барои нишон додани заминаҳои ташаккули ҳаҷви публитсистӣ ба таърихи матбуоти тоҷик ва таҷрибаи нашрияҳои ҳаҷвию адабӣ руҷӯъ менамояд. Махсусан, таҷрибаи «Мулло Насриддин», «Шуълаи инқилоб», «Овози тоҷик», «Хорпуштак» ва дигар нашрияҳо ҳамчун заминаи назариявию таҷрибавӣ барои шарҳи пайдоиши гӯшаи «Анбӯр» истифода шудааст.

Яке аз дастовардҳои ин боб дар он аст, ки муаллиф пайдоиши «Анбӯр»-ро падидаи ҷудогона ва тасодуфӣ намеҳисобад, балки онро дар заминаи анъанаҳои ҳаҷви тоҷик, таҷрибаи матбуоти пешин ва талаботи иҷтимоии давр баррасӣ мекунад. Муҳаққиқ нишон медиҳад, ки дар ташаккули публитсистикаи ҳаҷвӣ ҳам омилҳои фарҳангӣ ва ҳам омилҳои журналистӣ таъсиргузор будаанд.

Дар ҳамин замина бояд таъкид кард, ки боби якум барои дарки мантиқи пайдоиш ва ташаккули «Анбӯр» заминаи муҳимми илмӣ фароҳам меорад.

**Боби дуюм «Гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр» ва мундариҷаи он»** яке аз қисматҳои меҳварии диссертатсия буда, аз ду фасл – **«Омилҳои таъсис ва ташаккули гӯшаи «Анбӯр»»** ва **«Таҳлили мундариҷавии матолиби гӯшаи «Анбӯр»»** иборат аст ва саҳифаҳои 48-93-ро фаро мегирад.

Дар фасли аввал муаллиф заминаҳо ва омилҳои пайдоиши «Анбӯр»-ро мавриди омӯзиш қарор дода, робитаи онро бо таҷрибаи пешини матбуоти тоҷик ва ташаккули ҳаҷви публитсистӣ нишон медиҳад. Дар рисола қайд мешавад, ки аввалин гӯшаҳои ҳаҷвӣ дар матбуоти маҳаллӣ низ ба пайдоиши чунин саҳифаҳо замина гузошта, «Анбӯр» ҳамчун падидаи муҳимми нашрияи вилоятӣ ташаккул ёфтааст.

Фасли дуюми боби мазкур аз ҷиҳати мазмун аҳаммияти бештар дорад, зеро дар он маводди воқеии «Анбӯр» мавриди таҳлили мавзуӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки маводди гӯша доираи васеи масъалаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва маиширо фаро гирифта, хусусияти тарбиявию танқидӣ доштанд. Ҷиҳати дигари муҳимми таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки муаллиф нақши шахсиятҳои эҷодиро дар ташаккули «Анбӯр» низ маълум кардааст. Аз ҷумла, фаъолияти Қурбон Бахлулзода, Ҳоҷӣ Содиқ, Муҳиддин Аминзода, Аминҷон Шукӯҳӣ ва дигар адибону ҳаҷвнигорон дар рушди сатҳи бадеӣ ва публитсистии маводди гӯша ба назар гирифта шудааст.

Дар маҷмуъ, боби дуюм собит менамояд, ки «Анбӯр» агарчи як саҳифаи фароғатист, дар асл ба минбари муҳимми инъикоси масъалаҳои рӯзмарраи ҷомеа ва воситаи таъсиррасонӣ ба афкори ҷамъиятӣ табдил ёфтааст.

**Боби сеюми** кор **«Таносуби жанрии маводди гӯшаи «Анбӯр»** аз нигоҳи мавзуи диссертатсия аҳаммияти махсус дорад, зеро маҳз дар он хусусиятҳои жанрии маводди «Анбӯр» бевосита таҳлил шудаанд. Боб аз ду фасл иборат буда, **фасли аввал «Камбудиҳои иҷтимоӣ ва мазаммати амалҳои номатлуб дар қолаби жанрҳои публитсистикаи ҳаҷвӣ»** ва **фасли дуюм «Таносуби воқеият ва тахайюл дар ҳаҷвияҳои адабӣ-публитсистии нашрия»**-ро дар бар мегирад.

Дар фасли якум диссертант жанрҳои асосии ҳаҷвии «Анбӯр»-ро таҳлил намуда, истифодаи фелетон, памфлет, луқма, эпиграмма ва ғайраро нишон медиҳад. Муаллиф бо овардани намунаҳои мушаххас аз нашрия кӯшиш кардааст, ки хусусиятҳои ҳар як жанрро дар робита ба масъалаҳои иҷтимоии давр муайян намояд. Бартарии ин қисмат дар он аст, ки жанрҳо танҳо ҳамчун шакли зоҳирии матолиб баррасӣ нагардида, ба вазифаи иҷтимоии онҳо низ таваҷҷуҳ шудааст. Дар ин маврид жанри публитсистӣ ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ, танқид ва ташаккули муносибати хонанда ба воқеияти иҷтимоӣ арзёбӣ мешавад.

Фасли дуюми боби сеюм ба таносуби воқеият ва тахайюл дар ҳаҷвияҳои «Анбӯр» бахшида шудааст. Муаллиф ба натиҷае мерасад, ки воқеият заминаи асосии эҷоди матолиби ҳаҷвӣ буда, тахайюл ва унсурҳои бадеӣ барои кавитар ва муассиртар ифода намудани воқеият истифода шудаанд. Ин омезиш ба муаллифони матолиби ҳаҷвӣ имконият додааст, ки камбудиҳои иҷтимоиро бо шакли киноявӣ, ғайриодӣ ва таъсирбахш пешниҳод намоянд.

Ҳамин тариқ, боби сеюм муҳимтарин бахши диссертатсия ба ҳисоб рафта, бештар аз дигар қисматҳо навгонии мавзуӣ ва саҳми мустақими муҳаққиқро бозгӯ менамояд.

**Хулосаи диссертатсияи** Зайнидинӣ М.З. дар 13 банд ҷамъбаст гардида, фарогири муҳимтарин бардоштҳои илмии диссертант мебошад. Илова бар ин, дар охири ҳар банди хулоса ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ истинод оварда шуда, аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқ марҳила ба марҳила бо низоми муайян анҷом ёфтааст. Хулоса ва тавсияҳои довталаби дараҷаи илмӣ бардошт аз таҳлилу таҳқиқи мавзую масоили меҳварии бобу фаслҳои диссертатсия буда, ҷанбаи кавии назарию амалӣ доранд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Диссертатсия аз ҷиҳати илмӣ ва назариявӣ барои омӯзиши таърихи журналистикаи тоҷик, махсусан таърихи матбуоти даврии маҳаллӣ ва публитсистикаи ҳаҷвӣ аҳаммияти муайян дорад. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд ҳамчун замина барои таҳқиқоти минбаъдаи таърихи матбуоти маҳаллӣ, фаъолияти нашрияҳои даврӣ ва жанрҳои ҳаҷвии журналистӣ истифода шаванд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки маводди он метавонад дар таълими фанҳои «Таърихи журналистикаи тоҷик», «Жанрҳои матбуоти даврӣ», «Публитсистикаи ҳаҷвӣ», «Матбуоти маҳаллии Тоҷикистон» ва ҳангоми таҳияи маводди таълимӣ, дастурҳои назариявию амалӣ ва курсҳои махсус истифода шавад. Ҳуди диссертатсия низ истифодаи натиҷаҳои таҳқиқро дар таълифи таърихи журналистика, жанрҳои публитсистика ва курсҳои махсуси мактаби олии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд.

Аз нигоҳи иҷтимоӣ маводди «Анбӯр» барои шинохти вазъи иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва маишии давраи муайяни таърихӣ аҳаммияти сарчашмашиносӣ низ дорад, зеро тавассути онҳо мушкилоти ҷомеа, муносибатҳои иҷтимоӣ ва муносибати матбуот ба камбудиҳо бозтоб ёфтаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин дар ҷамъоварӣ ва ба низом даровардани маводди сарчашма, омӯзиши адабиёти назариявӣ, таҳлили маводди «Ҳақиқати Ленинобод», таснифи мавзуии матолиби «Анбӯр», муайян намудани хусусиятҳои жанрӣ ва баровардани хулосаҳои мустақил ифода меёбад.

Муаллиф **натиҷаҳои таҳқиқро** дар мақола ва маърӯзаҳои илмӣ низ инъикос кардааст. Тибқи маълумоти диссертатсия, хулосаҳои асосии таҳқиқ дар 8 мақола, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба чоп расидаанд. Аз ин бармеояд, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқ дар марҳалаҳои муайяни кор мавриди санҷиш ва муҳокима қарор гирифтаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи Зайнидинӣ М.З. аз рӯйи сохтор ва муҳтаво ба талаботи корҳои диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мувофиқат менамояд. Автореферат ва дигар маводди марбут ба таҳқиқ низ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ бошанд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб дар диссертатсия**. Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки ба диссертатсия дода шуд, дар кори мазкур баъзе нукоти баҳсталаб, камбудиҳои методологӣ ва ғалатҳои фаннӣ низ ба назар мерасанд. Ба эътиқоди мо, ба ин нукот дар таҳқиқоти минбаъда ё ҳангоми такмили маводди рисола таваҷҷуҳ зоҳир кардан ба мақсад мувофиқ аст:

1. Ҷиҳати муқоисавии таҳқиқ метавонист фарогиртар бошад. Муқоисаи «Анбӯр» бо дигар гӯшаҳои ҳаҷвии нашриҳои ҳамзамони ҷумҳуриявӣ ё маҳаллӣ имкон медод, ки хусусиятҳои фарққунандаи гӯша ва ҷойгоҳи он дар рушди публитсистикаи ҳаҷвии тоҷик возеҳтар муайян карда шавад.

2. Дар баъзе фаслҳо такрори фикр вобаста ба аҳаммияти ҳаҷв, вазифаи танқидии он ва нақши иҷтимоии матолиби «Анбӯр» ба назар мерасад. Ихтисори чунин такрорҳо метавонад ба самаранокии баёни матн мусоидат намояд.

3. Дар баъзе ҷойҳои матн ҷумлаҳои мураккаби тӯлонӣ ва ибораҳои такроршаванда дида мешаванд, ки бо таҳрири иловагии илмӣ ва услубӣ хондану дарки матнро осонтар кардан мумкин аст.

Эродҳои зикршуда, дар маҷмуъ, хусусияти такмилдиҳанда ва тавсиявӣ дошта, зинҳор қимати илмӣ ва натиҷаҳои асосии диссертатсияро коста намекунанд.

**Дар маҷмуъ,** диссертатсияи Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин дар мавзуи «Махсусияти мундариҷавӣ ва жанрии гӯшаи «Анбӯр»-и нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» («Ҳақиқати Суғд»)» ба меъёру муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ мебошад.

**Муқаррризи расмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
сармуҳаррири рӯзномаи «Хатлон» Маъмурзода Н. М.
«11» августи соли 2026

Нишонӣ: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Бохтар, кӯч. Логинов, 12.
Телефон: (+992) 918-69-64-66
E-mail: m.nosirjon@gmail.com

Имзои Маъмурзода Носирҷони Маъмурро
тасдиқ мекунам:
Нозири кадрҳои
Идораи рӯзномаи «Хатлон» Худойдодзода З.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Бохтар, кӯчаи Логинов, 12.
Телефон: (+992-3222) 2-50-34.
E-mail: noma@khatlon-ruznoma.tj
«11» августи соли 2026.